**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи "Камолуддин Хусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар "Маснавии Маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

"Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз оғози таълиф то кунун ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи адибону орифон ва алокамандони адабиёт карор доштааст. Бо таваҷҷух ба душвориҳое, ки дар фаҳму дарки истилоҳоти ирфонию фалсафӣ, маонии куръонӣ, розу рамзҳо ва мазомини абёти "Маснавӣ" дида мешавад, вобаста ба сатҳи фикрӣ ва завку дониши худ дар заминаи ин асар шарҳҳои арзишманде таълиф гардидаанд.

Шарҳҳои бар "Маснавӣ" нигошташуда ҷузъи муҳимми адабиёти форсии тоҷикӣ буда, шинохт ва таъйини арзишҳои онҳо аз масъалаҳои асосии илми адабиётшиносӣ маҳсуб мешавад. Зеро таҳкику таъйини арзиши шарҳҳои "Маснавӣ" ва нашри муҳимтарини онҳо равзанаҳои наверо барои маърифати саҳеҳи андешаҳои ирфонию фалсафӣ ва динии Мавлоно, фаҳму дарки рамзу киноёти "Маснавии маънавӣ" боз мекунад.

Масъалаи шарҳшиносии "Маснавии маънавӣ" новобаста ба ишороти алоҳидаи бархе адабиётшиносон ҳанӯз ҳам ба таври монографӣ мавриди таҳкику баррасии доманадор карор нагирифтааст. Аз ин рӯ, рисолаи Султонзода Тоҷибой Султонӣ таҳти унвони «Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ», ки ба таҳкиқи густардаи ин шоҳкори безаволи ирфонӣ ва заминаҳои ташаккулу пайдоиши онҳо бахшида шудааст, аз аҳаммияти зиёди илмӣ бархурдор буда, саҳифаҳои тозаеро дар ин замина боз хоҳад намуд.

Ҳадафҳои асосӣ, вазифаҳо, равишҳои таҳкиқ ва навгонии илмии рисола мушаххасу муайян буда, нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, нав ва дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд.

Аз автореферати рисола маълум мегардад, ки он аз назари сохтор аз мукаддима, чаҳор боб, хаждаҳ фасл, хулоса ва китобнома иборат буда, ба ҳамаи меъёрҳои сохтории рисолаҳои илмӣ мувофик аст.

Дар боби аввали диссертатсия, ки "Сайри таърихии шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ" ном дорад, муаллиф ба масъалаи аввалин падидаҳои шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ", анвои он ва нахустин шарҳҳое, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон ба вуҷуд омадаанд,

пардохтааст. Дар ин боб муаллиф дар хусуси нахустин шореҳони "Маснавӣ", оғози шаҳрнигорӣ бар "Маснавӣ" ва анвои шаҳрҳҳо баҳс карда, шарҳҳоро аз лиҳози забон, ҳаҷму муҳтаво, анвоъ ва арзиши онон дастабандӣ карда, роҷеъ ба шарҳҳои форсӣ, ҳиндӣ, туркӣ, арабӣ, инглисию олмонӣ ва ғайра таҳқиқи судманд анҷом додааст.

Боби дувуми рисола "Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва нақду таҳлили "Ҷавоҳиру-л-асрор"-и ӯ" унвон дошта, қисмати муҳимми рисоларо ташкил медиҳад. Муаллиф дар ин боб нахуст дар мавриди зиндагиномаи Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ баҳс карда, иштибоҳотеро, ки дар заминаи рӯзгору осор ва шахсияти ин адиб дар ҳавзаҳои адабиётшиносии адаби форсӣ вуҷуд доранд, бо далоили илмӣ ва асноди муътамад рафъ карда, ба бозёфтҳои ҷолиби илмӣ даст мeёбад, ки сутуданӣ мебошанд. Ҳамчунин, дар ҳамин боб муаллиф дар мавриди ҳунари шоирии Хоразмӣ ва пайравии ӯ аз шоронӣ қаблӣ, муаррифии нусхаҳо, заминаҳо ва сабаби таълифи шарҳи Хоразмӣ, баррасии мақолоти даҳгонаи шарҳи Хоразмӣ, иртиботи мақолоти даҳгонаи шарҳ бо "Маснавии маънавӣ", равишҳои шарҳи "Маснавӣ" дар "Ҷавоҳиру-л-асрор" ва сарчашмаҳои шарҳи "Ҷавоҳиру-л-асрор" баҳс мекунад.

Дар боби севуми диссертатсия, ки "Шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ" дар Шибҳи қораи Ҳинд" унвон дорад, муаллиф ба баррасии маъруфтарин шарҳҳои "Маснавии маънавӣ", аз ҷумла, "Мукошифоти разавӣ"-и Муҳаммадризои Лоҳурӣ, "Асрору-л-ғуюб"-и Хоҷа Айюби Порсо, "Махзану-л-асрор"-и Валимуҳаммади Акбарободӣ, ки дар сарзамини Ҳинд таълиф гардидаанд, пардохтааст. Муаллиф дар ин боб ба фаъолияти шарҳнигории Шайх Абдулатифи Аббосӣ, ба далели ин ки мавсуф аввалин муаррифгари "Маснавии маънавӣ" дар сарзамини Ҳинд мебошад, махсус таъкид менамояд.

Боби чаҳоруми диссертатсия "Шарҳҳои "Маснавӣ" дар Осиёи Сағир" ном дошта, дар ин боб таҳқиқи ташаккули мактаби шарҳнигории туркӣ бар «Маснавӣ», шореҳони бузурги ин ҳавза ва хусусиятҳои муҳимми шаҳрнигории мактаби туркӣ дар меҳвари кори муаллиф қарор гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар 25 банд баён гардидаанд, ки натиҷагириҳои тозаи илмӣ мебошанд.

Рисолаи илмӣ-таҳқиқотии Султонзода Тоҷибой Султонӣ аз ҳар нигоҳ таҳқиқи монографии анҷомёфта буда, дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии ватанию хориҷӣ дастоварди ҷадид мебошад, ки бо ҷанбаҳои ҷамъбастӣ имтиёзи вижа дорад. Мушоҳида мегардад, ки забони диссертатсия суфта ва дар сатҳи мақбул қарор дошта, матни

русии автореферат дар пайвастагӣ бо матни тоҷикии он моҳияти мавзӯъро пурра инъикос намудааст.

Дар баробаи дастовардҳои зиёди илмӣ дар кори муаллиф, ба назари мо, бархе камбудиҳо дида мешаванд, ки рафъи онҳо боиси афзун гардидани сифати рисола хоҳад гардид:

1. Муаллиф зимни баррасии боби сеюми диссертатсия дар чанд маврид аз шарҳи ирфонии бар "Маснавии маънавӣ" навиштаи яке аз мутакаллимони бузурги Ҳинд - Абдулалии Бахрулулуми Лакҳнавӣ изҳори назар карда бошад, ҳам дар ҳеч маврид оид ба арзиши шарҳи мазкур назари хешро баён нанамудааст.

2. Дар саҳифаҳои 6, 14, 23, 24, 28...-и автореферат бар асари риоя накардани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро зиёда мегардонад.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикргардида ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии рисоларо коста намегардонанд. Рисолаи доктории Султонзода Тоҷибой Султонӣ "Камолуддин Хусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик кори илмии баитмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ мебошад.

**Директори Институти илмҳои гуманитарии**
**ба номи академик Б.Искандарови Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои филологӣ** **Қаландариён Ҳоким Сафар**

20.11.2020

Нишонӣ: Тоҷикистон, ВМКБ, ш.Хоруғ,
кӯч.Деҳотӣ, 80, х.23.
Тел.: (+992) 93 489 26 26
E-mail: hokim_k@mail.ru

Имзои Қаландариён Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИИГ АМИТ Ч.Назаршоева

ШУЪБАИ КАДРҲО